Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27.02.2019, № 4/37
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ
# ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ДУЮМ

Низомномаи таҳсилоти олии дуюм

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи таҳсилоти олии дуюм дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Низомномаи мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълим доранд, бо мақсади тайёр намудани мутахассисони варзидаи ҷавобгӯи талаботи замон ва мувофиқ ба сохти иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаву маҳорати касбии шаҳрвандон, инчунин бо мақсади нигоҳдошти мақоми таҳсилоти олии дуюм тариқи таҳсилоти фосилавӣ (ба истисноӣ ихтисосҳои тиббӣ) танзим менамояд.

3. Бо назардошти дорои таҳсилоти олии касбӣ будани шаҳрвандон муҳлати таҳсил барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм барои зинаи бакалавр ва мутахассис новобаста аз шакли таҳсил 3 сол ва барои ихтисосҳои ҳамгиро 4 сол (барои ихтисосҳои соҳаи тиб тибқи муқаррарот) муқаррар мегардад.

4. Мувофиқи моддаи 41-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 19-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба шаҳрвандоне, ки таҳсилоти олии касбӣ доранд, гирифтани таҳсилоти олии дуюм (таҳсилоти минбаъдаи олии касбӣ) дар асоси шартнома (пулакӣ) иҷозат дода мешавад.

## 2.ТАРТИБИ ҚАБУЛ БАРОИ ГИРИФТАНИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ДУЮМ

5. Гирифтани таҳсилоти олии дуюм тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

6. Барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷие, ки дорои диплом дар бораи хатми

муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошанд (пас аз эътирофи баробарарзишии дипломи онҳо), қабул карда мешаванд.

7.Тибқи тартиби муқарраргардида баробарарзишии дипломҳои пешниҳодгардидаро Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф муайян менамояд.

8. Довталабон тибқи талаботи Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муҳлати муқарраргардида ба комиссияи қабул ҳуҷҷат пешниҳод менамоянд.

9. Довталабон барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар асоси талаботи Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм тариқи суҳбат қабул карда мешаванд.

10. Барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм донишҷӯ дар асоси нақша ва барномаҳои таълимии тасдиқшуда ва бо назардошти аз худ намудани фарқияти фаннии аз рӯи таҳсилоти олии якум доштааш таҳсил менамояд. Фарқияти фаннии нақшаи таълими донишҷӯёни таҳсилоти олии дуюм аз рӯи бахши фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзии нақшаи таълим аз ҷониби донишҷӯ ба таври инфиродӣ дар даврҳои академӣ аз худ карда мешаванд. Бартараф намудани кредитҳои фарқият аз рӯи нақшаҳои таълимии ихтисос (самт)-ҳои амалкунанда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таҳсилоти олии дуюм бе пардохти маблағ ба роҳ монда мешавад.

11. Ба шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро тибқи нақшаи таълими таҳсилоти олии дуюм бомуваффақият хатм менамоянд, дипломи намунаи давлатӣ ва нишони сарисинагӣ дар бораи таҳсилоти олии дуюм муқарраршуда бо тахассуси мувофиқ дода мешавад. Ба хатмкунандагони таҳсилоти олии дуюм дар мавриде дипломи аъло дода мешавад, ки дипломи таҳсилоти олии якумаш аъло бошад.

## 3.ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

12. Раванди таълим дар зинаи таҳсилоти олии дуюм тибқи низоми кредитии таҳсилот аз рӯи нақша ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии дуюм мувофиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, амалӣ карда мешавад. Раванди таълим дар зинаи таҳсилоти олии дуюм тибқи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

13.Бо назардошти таҳсилоти олии якуми донишҷӯ раванди таълим дар зинаи таҳсилоти олии дуюм мувофиқи бахши фанҳои умумикасбӣ, тахассусӣ ва бахши корҳои ғайриаудитории нақшаи таълим сурат мегирад. Фанҳои бахши фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзии нақшаи таълим дар таҳсилоти олии дуюм такроран омӯхта намешаванд.

Донишҷӯёни таҳсилоти олии дуюм вобаста ба ихтисоси ихтихобнамудаашон, аз омӯзиши баъзе фанҳои бахши сеюм ва чоруми нақшаи таълим, ки дар таҳсилоти олии якум аз худ кардаанд (бо баробар будани шумораи кредитҳо), озод карда мешаванд. Кредитҳои бахши фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзии нақшаи таълим дар замимаи дипломи таҳсилоти олии дуюм ба инобат гирифта мешаванд.

14. Ҳангоми гирифтани таҳсилоти олии дуюм донишҷӯ дар асоси нақшаи таълими барои таҳсилоти олии дуюм тасдиқшуда фарқияти фанниро дар як даври академӣ азхуд менамояд.

15. Барои донишҷӯёни таҳсилоти олии дуюм тамоми шаклҳои сарбории таълимӣ (машғулияти назариявӣ, кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, кори хатм, таҷрибаомӯзӣ ва ғайра) пешбинӣ ва бо кредитҳо муайян карда шуда, ба ҳаҷми умумии кредитҳо дохил мегардад.

16. Миқдори кредитҳои шакли таҳсили фосилавии таҳсилоти олии дуюм дар ҳаҷми на камтар аз 30%-и кредитҳои фаъоли барои шуъбаи рӯзона пешбинишударо ташкил дода, вобаста аз муҳлати таҳсил барои 3 соли таҳсил дар ҳаҷми 54 кредит ва барои 4 соли таҳсил 72 кредит (дар ихтисосҳои соҳаи тиб тибқи муқаррарот) муқаррар карда мешавад.

17. Ҳадди ақалли ҳаҷми машғулияти аудитории ҳузурӣ дар шуъбаи фосилавии таҳсилоти олии дуюм барои як соли таҳсил на камтар аз 6 кредит муқаррар карда шуда, донишҷӯён бояд зимни баргузории сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на камтар аз чор ҳафта ба машғулияти дарсӣ ҷалб карда шаванд, ки ин дар давоми 3-соли таҳсил 12 ҳафта  (18 кредит) ва дар 4-соли таҳсил 16 ҳафта (24 кредит)-ро ташкил медиҳад.

18. Фарогирии нақшаи таълими муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо аттестатсияи хатми донишҷӯён хотима меёбад. Дар курси ниҳоии давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯёни таҳсилоти олии дуюм аз аттестатсияи хатм гузаронида мешаванд. Ба донишҷӯёне, ки дар муҳлати муқарраршудаи таҳсил кредитҳои барои таълими назариявӣ ва таҷрибаомӯзиҳо пешбинишударо бомуваффақият аз худ намудаанд, барои гузаштан аз аттестатсияи хатм (имтиҳонҳои давлатӣ ва дифои рисолаи хатм) иҷозат дода мешаванд.

19. Теъдоди донишҷӯёни таҳсилоти олии дуюм барои гузаронидани шаклҳои гуногуни машғулияти дарсӣ (лексия, машғулияти семинарӣ, амалӣ ва лабораторӣ, таҷрибаомӯзии таълимӣ ва ғ.) бо назардошти қабул дар гурӯҳҳои академӣ муқаррар карда мешавад.

20. Номгӯи ихтисосҳои таҳсилоти олии дуюмро муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар доираи замимаи иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ва нақшаи қабул муайян менамояд.

Ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои ба роҳ мондани таҳсилоти олии дуюм баъди гирифтани иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозат дода мешавад.

21. Машғулиятҳо дар таҳсилоти олии дуюм аз рӯи ҷадвали дарсии тасдиқнамудаи муовини ректор оид ба таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

22. Тартиби хориҷ, барқарор ва интиқол намудани донишҷӯёни таҳсилоти олии дуюм тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи маориф ба роҳ монда мешавад.

## 4.ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

23. Таҷрибаомӯзӣ дар таҳсилоти олии дуюм мувофиқи нақша ва барномаҳои таълимии тасдиқгардидаи самт (ихтисос)-ҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад.

24. Донишҷӯёни ихтисосҳои омӯзгорӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ кор мекунанд, дар даври академии 5-ум 2 ҳафта (ихтисосҳои ҳамгиро дар даври академии 7-ум 2 ҳафта) ва донишҷӯёне, ки дар соҳаи маориф кор намекунанд, дар даври академии 4-ум ва 5-ум 2 ҳафтагӣ (дар ихтисосҳои ҳамгиро дар даври академии 6-ум ва 7-ум 2 ҳафтагӣ) 4 ҳафта таҷрибаи омӯзгорӣ мегузаранд. Тибқи тартиби муқаррааргардида ихтисосҳои ғайриомӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҷрибаомӯзиро мувофиқи хусусияти хоси ихтисосҳои марбутаи муассисаи таълимӣ ба роҳ мемонанд.

## 5. ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ ДОНИШҶӮЁНИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ДУЮМ

25. Ҳуқуқ ва вазифаҳои донишҷӯёни таҳсилоти олии дуюм тибқи қонунгузориии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

26. Донишҷӯёни таҳсилоти олии дуюм вазифадоранд, ки талаботи Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, Қоидаҳои донишҷӯӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбиро риоя намоянд. Дар сурати риоя накардани талаботи мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ё дар ҳолатҳои дигар (барои давомоти нокифоя, барои қарздории академӣ, дар сурати сари вақт пардохт накардани маблағи таҳсил мувофиқи шартнома, дар ҳолати насупоридани санҷишу имтиҳонҳо дар муҳлати муайяншуда, барои содир кардани ҷиноят ва ғайра) ба донишҷӯ чораҳои муҷозотии интизомӣ то ҳадди хориҷ кардан аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ татбиқ карда мешавад.

## 6. ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ ТАҲСИЛ

27. Ҳаҷм ва тартиби пардохти маблағи таҳсил барои гирифтани таҳсилоти олии дуюмро муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор муайян менамояд. Ҳаққи таҳсил барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ бо пули миллӣ пардохт карда мешавад.

28. Ҳангоми аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ шудани донишҷӯ тартиби бозпас додани маблағ дар асоси шартномаи байни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ муайян карда мешавад.

## 7. ПАРДОХТИ ИДРОРПУЛӢ, ТАЪМИН БО ХОБГОҲ

29. Барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм ба донишҷӯён идрорпулӣ (стипендия) дода намешавад.

30. Таъмин намудани донишҷӯёни таҳсилоти олии дуюм бо хобгоҳ салоҳияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

31. Низомномаи мазкур баъди тасдиқ дар мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба тасвиб расидани фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода мешавад.

32. Низомномаи мазкур бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор ва ё ба он тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.